«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент_____________Сафарзода М.В.
«___»_______соли 2025

**ХУЛОСАИ**
**кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, дар кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Сайдализода Рустам Абдулло ба ҳайси унвонҷӯ ва муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи муассисаи мазкур фаъолият дорад.

Сайдализода Рустам Абдулло соли 1992 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси таърих ва филологияи тоҷик дохил шуда, онро соли 1997 хатм намуд.

Сайдализода Рустам Абдулло бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 30.12.2020 №274 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи муассисаи мазкур қабул карда шудааст.

Роҳбари илмии диссертант Қурбонов Баҳром Раҳмонович, доктори илмҳои таърих, профессор, муовини ректор оид ба таълими Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа мебошад. Мавзуи диссертатсия ва роҳбари илмӣ дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 28 январи соли 2020, қарори №6 тасдиқ шудааст. Ҳангоми муҳокимаи рисола бо пешниҳоди мутахассисони соҳа ва коршиносон, ки диссертатсияро хондаанд, пешниҳод карда шуд, ки номи диссертатсия «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи илмӣ-таърихӣ асрҳои XV-XVI» ба «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» иваз карда шавад.

Имтиҳонҳои ҳадди ақали номзадиро тибқи нақшаи таълимии шуъбаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ супоридааст.

Шаҳодатномаи №54, 07.04.2023 аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар он хусус дода шудааст, ки вай имтиҳонҳои ҳадди ақали номзадиро аз рӯйи фанҳои таърих ва фалсафаи илм (08 октябри соли 2020) бо баҳои«аъло», забони англисиро (03 феврали соли 2021) бо баҳои«хуб», ихтисос (07 апрели 2023) ба баҳои «аъло» супоридааст.

Диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» дар ҷаласаи васеи кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 24 июни соли 2025, №11 муҳокима гардида, дар муҳокима иштирок доштанд: доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев М.Х., доктори илмҳои таърих, профессор Қурбонов Б.Р., доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Назарзода П.С., номзади илмҳои таърих, дотсент Азамов Х.С., номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Каримҷонзода М.К., номзади илмҳои таърих, дотсент Шарофуддинов С.С., номзади илмҳои таърих, дотсент Боқиев Р.У., номзади илмҳои таърих, дотсент Сафаров Х.Х., номзади илмҳои таърих, дотсент Суфиев С.Н., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Ҳусайнзода А.Б.,номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Пирназаров Э.А., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Муродова Г.Р., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Файзов Р., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Яъқубзода Ф., номзади илмҳои таърих, дотсент Холмуродзода М., муаллимони калон: Шоинов Ҳ.И., Носиров Х.С., Ватанзода Ш.В., Иброҳимзода З., Собирзода С.Р., ассистентон Алимов Қ., Акрамова С., Каримзода И.С., Лалбеков С.Ш., Ҳайдаров К. иштирок доштанд.Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» чунин хулоса қабул карда шуд:**

Диссертатсия ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарин бахшида шуда, муҳаққиқ дар таҳқиқ омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти илмии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва вазъи таърихию сиёсии эҷоди асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ», инъикоси ҷараёнҳои динию сиёсӣ, вазъи масъалаҳои динӣ, унвону мансабҳои динӣ ва давлатӣ, расму оин, ҳаёти меъморию ҳунармандӣ, санъати наққошию рассомӣ, мусиқию сару либос ва

хӯрокҳо, суннатҳою анъанаҳои миллии тӯй, одоби меҳмондорӣ, варзиш, ченакҳои вакт ва дарозӣ, воҳидҳои пулиро дар ҳаёти сокинони Хуросону Мовароуннахр нишон додааст.

Аҳаммияти омӯзиши инъикоси вазъи анъанаҳои миллӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ, инчунин, дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад:

1. Ҷойгоҳи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар илми таърихшиносӣ;
2. Инъикоси масъалаҳои динии унвону мансаб ва маросими дафн дар баланд бардоштани савияи маърифатнокии донишҷӯён, коромӯзон, унвонҷӯён ва татбиқи барномаҳои ҳунарӣ ва фарҳангӣ;
3. Истифодаи санъатҳои меъморӣ, мусиқӣ, касбу ҳунарҳо ва этнографияи қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр ва ба роҳ мондани пажуҳиши илмии васеъ дар ин самт;
4. Инъикоси суннатҳои миллӣ дар замони Темуриён;
5. Инъикоси воқеаҳои сиёсии қаламрави Хуросон ва пешгирии ҷараёнҳои иртиҷоӣ, ифротӣ.

Дар таҳқиқи осори таърихӣ-этнографии миллати тоҷик, аз ҷумла, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ тарзи зист, машғулият, сару либос, хӯрок, одоби меҳмондорию меҳмоннавозӣ, низоъҳои динӣ, воҳидҳои пулӣ, варзиши бадан, тӯю маросимҳои мардумӣ тасвир ёфтаанд, ки омӯзиши онҳо дар ҳаёти имрӯза аҳаммияти бузург дорад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқи диссертатсионӣ ин омӯзиши «Инъикоси вазъи иҷтимоӣ ва анъанаҳои миллӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (асри XVI)» мебошад, ки арзиши он дар қиёс бо дигар осори таърихӣ ва таҳқиқоти илмии муосир мушаххас шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқ:** Барои ноил шудан ба ин мақсад муаллифи рисола ҳалли вазифаҳои зеринро зарур медонад:

– муайян намудани ҷойгоҳи «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ва ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографӣ мавриди таҳлил карор додани он дар таърихшиносӣ;

– омӯзиши ҳаёту фаъолияти илмии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва вазъи таърихиву сиёсии эҷоди асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»;

– таҳқиқи ҷараёнҳои динии сиёсӣ ва таъсири манфии низоъҳои мазҳабӣ ба ҳаёти сокинони Хуросон дар сарчашмаи таърихӣ-этнографии«Бадоеъ–ул–вақоеъ»;

– муайян намудани умури идории давлатию динӣ ва таҳлили маросимҳо ва тарзи иҷроиши хоси он дар байни гурӯҳҳои этникӣ;

– таҳқики пайдоиши санъати меъморӣ, касбу ҳунар, рушд ва накши онҳо дар ҳаёти мардумони асри XVI;

– омӯзиши санъати созҳои мусиқӣ, ракс, наққошӣ, адабию бадеӣ, сару либос ва ғизо дар асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»;

– таҳлили фарҳанг, суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ дар осори илмии давру замон.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар баррасӣ ва таҳлили илмии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» ифода меёбад.

Навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсиониро пажуҳиши масоили «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» ташкил медиҳад, ки дар таҳқиқи мазкур аввалин маротиба дар шакли комплексӣ дар сатҳи мукаммал аз лиҳози таърихӣ ба таври илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** бо истифодаи натиҷаҳои он метавонад ҳангоми таълифи дастурҳои таълимии таърихи халқи тоҷик, фарҳанг, курсҳои махсус, таҳия ва мураттабсозии асарҳои таърихнигорӣ, этнографӣ, маъхазшиносӣ мавриди истифода қарор дод.

Аҳаммияти амалии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» инъикос гардида, дурнамои инкишофи он пешбинӣ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия барои таҳқиқи бисёр масъалаҳои мубрами таърихи асрҳои миёнаи Хуросону Мовароуннаҳр ва Осиёи Марказӣ муфид мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он аст, кимуҳаққиқ дар ҷараёни кор ба масоили меҳварии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI», мазмун ва мундариҷаи осори мутафаккир, вазъи доираҳои илмиро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст. Ҳамзамон, дидгоҳи таърихнигорро ба ҳаёти дарбор, ба масъалаи вазъи мазҳабӣ, унвон ва мансабҳои динӣ ва давлатӣ маросим ва суннатҳои мардумӣ дар чаҳорчӯбаи макон (Хуросону Мовароуннаҳр) ва замон мушаххас намуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқ).** Диссертатсия дар мавзуи «Инъикоси вазъи мазҳабӣ ва анъанаҳои миллӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси 07.00.09. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат менамояд.

**Мавҷудияти санади татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти татбиқи онҳо.** Натиҷаҳои илмии таҳқиқро метавон ҳангоми таҳияи асарҳои бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик, лексияҳо барои донишҷӯён, магистрантони муассисаҳои олии касбӣ, инчунин дар тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавон истифода бурд.

**Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** муҳаққиқ аз анҷоми корҳои иҷро шуда натиҷагирӣ карда, ба хулосае омадааст, ки «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ сарчашмаи пурқиммати илмӣ буда, дар омӯзиши таърихи миллати тоҷик ва илму фарҳанги он аҳаммияти бузурги таърихӣ дорад. Мутафаккири тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ пас аз муҳоҷират аз зодгоҳи хеш вилояти Хуросон ба тарафи Мовароуннаҳр муддати сайри таърихиаш бисёр моҷаро ва мунокишаҳоро аз сари хеш гузаронидааст. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҳодиса ва рӯйдодҳои таърихии дар нимаи дуюми асри XV ва нимаи аввали асри XVI, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр ба амал омадаанд, дар худ фаро гирифтааст.

**Натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар натиҷаи таҳқиқ ҷанбаҳои асосии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» дар асоси далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, дар ҳамин пажуҳиши шакли мукаммалу мушаххасро пайдо кардааст. Диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло сохтори муназзам, пайдарҳам ва мантиқӣ дошта, бо навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори мустақилона анҷомдодаи муаллиф ҳисобида мешавад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

**Сохтори рисола.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Пуррагии маълумоти диссертатсия дар маводи нашршуда таҷассум ёфтааст. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқӣ дар маърузаҳои илмии довталаб дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ баён шуда, ҳамчунин дар мақолаҳои илмии солҳои 2019-2024 навиштаи диссертант инъикос ёфтаанд.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ, 1 монография, 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**1. Монография**

[1]. Сайдалиев, Р.А. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» хулосагирии илмӣ-таърихӣ ва таҳлили этнографӣ [Матн]/ Р.А. Сайдалиев. – Душанбе: Ирфон, 2019. - 165 с. ISBN 978-99975-1-114-0.

**2. Итишороти мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[2-М]. Сайдалиев Р.А. Ривоҷёбии санъати мусиқӣ ва рассомӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / Р.А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015. – №3/6 (176). – С.13-16.ISSN 2074-1847.

[3-М]. Сайдалиев Р.А. Инъикоси маросими дафн дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / Р.А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2020. – №1 (84). – С.191-195. ISSN 2219-5408.

[4-М]. Сайдалиев Р.А. Унвон ва мансабҳои давлатӣ маъмурии асрҳои XV-XVI [Матн] / Р.А. Сайдалиев // Маҷаллаи илмии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С. 45-48.

[5-М]. Сайдалиев Р. А. Инъикоси масоили туй дар сарчашмаи илмӣ – таърихии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / Р. А. Сайдалиев. // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2022. – №1 (26). – С. 226-231. ISSN 2616-5260.

[6-М]. Қурбонов Б.Р., Сайдалиев Р.А. Инъикоси вазъи низоъҳои мазҳабӣ ва оқибатҳои он дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / Б.Р. Курбонов, Р.А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2023. – №2 (31). – С. 305-313. ISSN 2616-5260.

[7-М]. Сайдалиев Р.А., Носиров Х.С. Таърихи пайдоиши мадрасаҳо дар қаламрави Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои XV-XVI [Матн] / Р.А. Сайдалиев, Х.С. Носиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2024. – №1 (31). – С. 300-311. ISSN 2616-5260.

**3. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[8-М]. Сайдалиев Р. А. Ривоҷёбии санъати мусиқии аҳди Темуриён дар асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / Р. А. Сайдалиев // Маводи конфронси илмӣ-назариявӣ «Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дар тайёр намудани мутахассисон»: маҷмӯаи илмӣ. Бахшида ба 70-солагии Донишгоҳ. – Кӯлоб, 2015. – Қ. 2. – С. 30-33.

[9-М]. Сайдалиев Р. А. Инъикоси варзиш дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / Р. А. Сайдалиев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Накши ҳамгироии илм, инноватсия ва технологияҳо дар рушди иқтисодии кишварҳо». – Кӯлоб, 2016. – С.135-137.

[10-М].Сайдалиев Р.А. Инъикоси сару либоси миллӣ дар сарчашмаи илмӣ-таърихии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / Р. А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2021. ISSN 2616-5260 №1(25). - С. 52-58.

[11-М]. Сайдалиев Р.А «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ сарчашмаи илмӣ-таърихӣ [Матн] / Р.А. Сайдалиев // Конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирпазирии ҷаҳон». – Кӯлоб, 2022. – С. 255-258.

[12-М]. Сайдалиев Р.А. Инъикоси сиккаҳо ва гардиши муносибатҳои пулӣ дар ҳудуди давлатҳои Темуриёну Шайбониён дар асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / Р.А. Сайдалиев // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳамгироии илм, инноватсия ва истеҳсолот заминаи асосии татбиқи технологияи дуалии таҳсилот». – Кӯлоб, 2023. – С. 414-418.

Ҳамин тавр, мазмуну мундариҷаи таҳқиқ, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси 07.00.00. - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09. – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пурра мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Таҳқиқи диссертатсионии Сайдализода Рустам Абдулло ба ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи«Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) ба

ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 24 июни соли 2025 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 24 нафар иштирок намуданд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: «тарафдор» 24 – нафар; «бетараф» – нест, «зид» – нест. Суратҷаласаи №11, аз 24 июни соли 2025.

**Раиси ҷаласа,** н.и.т., дотсент, мудири кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Холмуродзода Меҳрафрӯз Бурӣ

**Котиби ҷаласа,** н.и.т., дотсент мудири кафедраи таъри халқи тоҷик — Суфиев Садриддин Насриддинович

«Имзоҳои Холмуродзода М.Б. ва Суфиев С.Н.-ро тасдиқ менамоям»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Давлатов М.А.

**Суроға:** 35360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;
тел.: (833-22) 2-35-06; 992 985415193, факс: (833-22) 3-35-06
почтаи электронӣ: info@kgu.tj, сомонаи интернетӣ: www.kgu.tj
«24» июни 2025 с.